Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-001-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи диссертатсионии Ҳабибов Далер Абдуллоевич дар мавзуи «Масъалаҳои ташаккулёбии маркетинги сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

Дар шароити инкишофи ҷомеаи муосир раванду ҳодисаҳое ташаккул ва инкишоф меёбанд, ки ҳамчун талаби рӯз буда, рушди минбаъдаи муносибатҳои байниҳамдигарии акторҳои гуногун аз онҳо вобаста мебошад. Дар ҳамин радиф маркетинги сиёсӣ ҳамчун ҳодисаи муҳими рӯзи инкишофи сиёсӣ аҳамияти хосса пайдо намудааст. Маркетинги сиёсӣ ба яке аз масъалаҳои муҳим, рӯзмара ва пурарзиши ҷомеаи муосир табдил ёфтааст. Маркетинги сиёсӣ воситаи муҳимми таъсиррасонии васеъ ва пайваста ба одамон ва ҳаёти гуногунҷабҳаи онҳо буда, моҳияти онро ба таври самаранок ва ҳадафмандона дарёфт намудани сифатҳои воқеӣ ва арзандаи номзадҳо ва низои ҳаракату фаъолияти онҳоро дар раванди воқеъшавии рақобатҳо дар байни субъектҳои гуногуни сиёсӣ ва акторҳои мухталифи ҷомеаи сиёсӣ нишон медиҳад.

Маркетинги сиёсӣ заминаи махсуси ташаккул ва инкишофро соҳиб буда, аз системаи сиёсии кишварҳо ва режими сиёсии онҳо вобаста аст. Амали он ва ҳолатҳои рушдро он бештар дар мамлакатҳои пешрафтаи демократӣ, ки рақоботи озоди сиёсии байни неруҳои сиёсӣ, махсусан, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои сиёсии ҷомеаи маданиро таъмин карда метавонад, пайдо менамояд. Дар амалияи сиёсии муосир бе таъминоти маркетингӣ ҳар гуна номзад ба

сарварӣ муваффақ намегардад, ё иштирокчии сиёсати бузург шуда наметавонад.

Диссертанти кори диссертатсионӣ кӯшиш намудааст, ки асосҳо, захираҳо ва тамоюлҳои асосии инкишофи маркетинги сиёсиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазъияти сиёсӣ ва ҳолати тағйипазирии онҳо нишон диҳад. Диссертант бештар ба мақом ва ҷойгоҳи маркетинги сиёсӣ дар раванди ташаккул ва таҳкими давлатдории миллӣ таваҷҷуҳ намуда, роҳу воситаҳои пайдоиш ва фаъолияти онро собит месозад.

Ҳолати рӯзмарра будани таҳқиқи масъалаи мазкур ба пешомади инкишофи мамлакат вобаста буда, он як навъ тамоюлҳо ва махсусиятҳои ҷомеаи сиёсиро инъикос менамояд. Аз ин ҷост, ки диссертант дар заминаи таҳлил ва таркиби адабиёти зарурии соҳавӣ ва махсусан, ба инобат гирифтани таҷрибаи кишварҳои дигар ниҳоми инкишофи маркетинги сиёсиро дар шароити Тоҷикистон ҳамчун омили муҳими ҳалли масъалаҳо собит месозад.

Муаллиф тавонистааст, ки дар сарсухани кори диссертатсионӣ масъалаҳои асосии таҳқиқот, пеш аз хама, холати рӯзмаррагии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши илмии он, объект ва предмети таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навовариҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, тавсияҳоро барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ба таври барҷаста нишон диҳад.

Кори диссертатсионӣ аз ду боб таркиб ёфтааст. Боби аввали рисола - «Тавсифи умумии маркетингӣ сиёсӣ» ном гирифта, аз ду зербоб иборат буда, бештар масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқотро фаро гирифтааст. Диққати асосӣ ба раванди ташаккул ва инкишофи маркетинги сиёсӣ дар минтақаҳо ва кишварҳои гуногуни олам дода шудааст. Маркетинги сиёсӣ ҳамчун соҳаи донишҳои сиёсӣ тавсиф шуда, низоми ташаккул ва инкишофи он, шаклгирӣ ва мазмуну таркиботи он мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор

гирифтаанд.

Дар боби аввали рисолаи номзадӣ пайдоиш ва инкишофи маркетинги сиёсӣ ва умуман, масъалаҳову хусусиятҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи маркетинги сиёсӣ ва заминаҳои иҷтимоиву сиёсии пайдоиши он; мақом ва нақши он дар раванди сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҳозираи инкишоф мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Бояд таъкид намуд, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон маркетинги сиёсӣ вобаста ба вазъияти сиёсӣ ва хусусиятҳои дигари рушди мамлакат махсусиятҳои гуногунро касб намудааст, ки онҳоро муаллифи кори диссертатсионӣ мушаххасан нишон додааст.

Дар рисола ба заминаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва маънавию идеологии пайдоиши маркетинги сиёсӣ ва инкишофи низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус дода шудааст. Маркетинги сиёсӣ ва ҳодисаҳои дигари ҷомеаи сиёсӣ, ки заминаҳои умумии инкишофи маънавию идеологиро соҳибанд, барои дарёфти имкониятҳо ва шароити беҳтари идоракунии сиёсӣ дар ҳолатҳои муайян, масалан, ҳангоми интихоботи сатҳи мухталиф зиддиятҳои ҷузъиро сарфи назар намуда, ба мувофиқа меоянд. Чунин ҳолатро ба сифати воситаи зарурии ба қудрати сиёсӣ расидани навъҳо ва шаклҳои гуногуни неруҳои сиёсӣ эътироф менамоянд.

Дар боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ - «Маркетинги сиёсӣ дар маъракаи интихоботӣ ва мудирияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба масъалаҳои рӯовариҳои арзишию ғоявии идоракунии давлатӣ ва хосияти амалию воқеӣ пайдо намудани онҳо бештар рӯ оварда, дар марҳилаҳои гуногуни рушди таърихӣ ҷойгоҳи онҳоро муайян намудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки предмети маркетинги сиёсӣ, самтгириҳои инкишоф ва вазифаҳои онро дар ҷомеаи кушод ва маҳдуд мавриди баррасӣ қарор диҳад. Ташаккул ва инкишофи бозори сиёсӣ барои фаъолияти самараноки ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва махсусан, барои ниҳодҳои давлатӣ, ки ба

идоракунии сиёсӣ машғуланд, аҳамияти муҳим доранд.

Муаллиф дар рисолаи диссертатсионии худ ба масъалаи интихобот ҳамчун институти муҳими ҳаёти сиёсӣ ва ба мақом ва нақши воситаҳои ахбори омма дар раванди интихобот ҳамчун воситаи маркетинги сиёсӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст. Дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои ахбори омма ба сифати институти демократӣ амал менамоянд, ки асосан вазифаи ташвиқу тарғиботро анҷом медиҳанд. Инчунин ба масъалаҳои фароҳам сохтани фурсатҳо барои зуҳури маркетинги сиёсӣ дар низоми сиёсии кишвар ва фароҳамсозӣ барои рушди афроди сиёсӣ; рақобатҳои интихоботии демократӣ; мураттаб намудани сиёсатҳои умумӣ ва пешниҳоди барномаҳои омӯзишӣ; шакл гирифтани афкори умумии иҷтимоӣ; эҷоди робита миёни ҷомеа,ниҳодҳои ғайриҳукуматӣ ва ниҳодҳои ҳукуматӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, онҳоро дар радифи вазифаҳои муҳимтарини фаъолияти ташкилотҳо, созмонҳо ва иттиҳодияҳои гуногуни сиёсӣ медонад.

Дар рисолаи мазкур масъалаҳо ва пешомади инкишофи маркетинги сиёсӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи муллифро бештар ба худ кашидаанд. Пайвастҳо ва робитаҳои мутақобилаи вазъияти сиёсӣ ва низоми рушди маркетинги сиёсӣ муносибати махсусро талаб доранд. Махсусиятҳои онҳо, ки такмилу таҳкими тағйиротҳои сиёсиро инъикос менамоянд, ошкор мегарданд.

Дар раванди таҳияи рисола ба масъалаҳо ва равандҳои инкишоф  аз нигоҳи илмҳои сиёсии муосир муносибат намуда, раванди инкишофи равандҳои сиёсӣ ва хусусиятҳои онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Методологияи таҳқиқу таҳлил, моҳияти иҷтимоии онҳо, махсусияти зоҳиршавӣ ва омилҳои асосии таъсиррасонӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтанд.

Диссертант тавонистааст, ки аҳамияти сиёсию илмии мавзуъ, зарурати аз ҷиҳати назариявию методологӣ ва сиёсию амалӣ таҳқиқи

онро нишон диҳад. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои монанди он аз аҳамияти калони масъалаҳо шаҳодат медиҳанд. Махсусан, мубоҳисаҳои илмӣ дар бораи масъалаҳои маркетинги сиёсӣ, ҷустуҷӯ ва дарёфти масъалаҳои мустақили таҳқиқот, таҳлилу тавсифи мафҳумҳои мухталиф, истилоҳот ва қонуниятҳо, ки бевосита ба масъалахои инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд, хусусиятҳои асосии кори таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

Кори диссертатсионии муҳокимашаванда ба масъалаи рӯзмарраи ҳаёти сиёсии ҷомеаи муосири Тоҷикистон бахшида шуда, дар сатҳи баланд бо риояи қоидаҳои таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шудааст. Дар бавробари муваффақиятҳо дар рисолаи диссертатсионӣ баъзе ҳолатҳои дигарро низ мушоҳида намудан мумкин аст, ки онҳоро ба сифати норасогиҳо ва ё мушкилиҳо арзёбӣ намудан мумкин аст. Вобаста ба ҳолати мазкур норасогиҳои таҳқиқоти мазкурро ба таври зайл номбар кардан мумкин аст:

- барои дуруст ва самаранок муайян намудани мақом ва ҷойгоҳи маркетинги сиёсӣ дар раванди сиёсии ҷомеа зарур аст, ки муаллиф ба таҳқиқотҳои сотсиологӣ рӯ меовард, паҳлуҳои амалишавии масъалаи мазкурро дар раванди ҷомеа мавриди татбиқ қарор диҳад;

- маркетинги сиёсӣ ҳамчун воситаи амалӣ намудани системаи интихобӣ ба ҳисоб рафта, аз ҳамин лиҳоз, хуб мешуд, ки агар муаллифи кори диссертатсионӣ бештар ба ҷанбаҳои амалӣ ва хусусиятҳои он дар шароити Тоҷикистон таваҷҷуҳ менамуд;

- агар диссертант масъалаҳои асосӣ ва пешомади инкишофи маркетинги сиёсиро дар шароити Тоҷикистон нишон медод, рисола боз ҳам пурра ва мазмунан ғанӣ мегардид.

Аммо дар маҷмуъ гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта мебошад ва норасогиҳои дар боло зикргардида мазмуни илмии онро коста намегардонанд. Зеро муаллиф хангоми

омӯзиши мавзуи диссертатсия доираи васеи адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо ва бо дарназардошти равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди мавқеи истифодабарии технологияҳои сиёсӣ хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснокшуда таҳия намудааст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ҳабибов Далер Абдуллоевич дар мавзуи «Масъалаҳои ташаккулёбии маркетинги сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба омӯзиши яке аз мавзуъҳои рӯзмарра бахшида шуда, таҳқиқоти мукаммал ва анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Сохтори диссертатсия ва муҳтавои асосии он ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти муҳтавои асосии диссертатсия ва аз рӯи интишороти муаллифи он гуфтан мумкин аст, ки Ҳабибов Далер Абдуллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Номзади илмҳои сиёсӣ,
муаллими калони кафедраи фалсафа
ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи С. Улуғзода **Бабаев Кенҷа**

Имзои Бабаев К.-ро тасдик мекунам:
Мудири шуъбаи кадрхои ДБЗХТ
ба номи Сотим Улугзода Юсупова Б.Ғ.

Сурогаи муассиса: 734003,ш. Душанбе,
к. Мухаммадиев 17/6 тел.: (+992 37) 232 -50-00, 232-51-04